**ТАҚРИЗ**

**ба автореферати диссертатсияи Маҳмудов Муҳаммадҷон Абдулаҳатович дар мавзуи «Бозтоби масоили иҷтимоӣ ва ахлоқӣ дар ҳикояи муосири тоҷик (дар мисоли ҳикояҳои давраи истиқлол)», барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯйи ихтисоси 10.01.04 – Таърихи адабиёт, равобити адабӣ**

Ҳикоя яке аз жанрҳои хурди анъанавии назму насри адабиёти беш аз ҳазорсолаи тоҷик ба шумор рафта, ҳамчун як шакли хоси адабӣ таърихи куҳан дорад. Жанри мазкур дар адабиёти даврони Истиқлоли давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар заминаи таъсири омилҳои ҳунарӣ ва иҷтимоиву ахлоқӣ тамоюлҳои тоза касб намуд. Диссертатсияи Маҳмудов Муҳаммадҷон Абдулаҳатович «Бозтоби масоили иҷтимоӣ ва ахлоқӣ дар ҳикояи муосири тоҷик (дар мисоли ҳикояҳои давраи истиқлол)» унвон дошта, масъалаи меҳварии он ба баррасии заминаҳои иҷтимоӣ ва ахлоқиву ҳунарии ташаккули жанри ҳикоя нигаронида шудааст. Тадқиқоти мазкур барои такмили омӯзиши илмии ҳикояи насри муосири тоҷик мавзуъ ва пажӯҳиши арзишманд маҳсуб меёбад.

Аз муҳтавои автореферати диссертатсия равшан мегардад, ки муҳаққиқ барои таълифи он мавод ва маталиби фаровонеро фароҳам оварда, мавриди таҳлилу омӯзиш қарор додааст. Хосса, дар ҷараёни дақиқ намудани пешинаи таҳқиқи мавзуъ ӯ ба мақолаву китобҳои доир ба пажӯҳиши насри муосири тоҷик, аз ҷумла ҳикоя навишташуда маҳдуд нагардида, суханрониҳои мунаққидону нависандагонро дар анҷуман ва дигар ҷаласаҳои Иттифоқи нависандагони Тоҷикистон ҳамроҳ бо мусоҳибаҳои адибон ва дигар матолиб ҷамъоварӣ намудааст. Дарки дурусти ин мавод ва истифодаи бамавриди онҳо дар ҷараёни тадқиқу ҳалли мубоҳисаҳои илмӣ боиси муваффақиятҳои диссертант ва вусъати афкори ӯ гардидаанд. Дар ин миён мулоҳизоти нависандагони давр, ки дар мусоҳибаҳояшон доир ба вежагиҳои наср баён доштаанд, ба ҳукми

далелҳои арзишманд дар бозгӯии паҳлӯҳои гуногуни мавзуъ хидмат кардаанд.

Шоистаи таъкид аст, ки марҳилаҳои ташаккули ҳикоя дар насри муосири тоҷик дар диссертатсия бисёр амиқ ва мудаллал таҳқиқ шудааст. Диссертант масъалагузориҳои илмии хешро аз нигоштаҳои бадеии устод Садриддин Айнӣ оғоз бахшида, осори шогирдони ин адиби соҳибмактабро дар мисоли ҳикояҳои Ҷалол Икромӣ, Сотим Улуғзода, Фазлиддин Муҳаммадиев ва дигарон равшан баён доштааст. Вобаста ба ин, роҷеъ ба вежагиҳои ин навъи адабӣ дар ҳар давраи муайяни таърихӣ низ изҳори назар карда, нақши нависандагони солҳои 70-80-умро дар инкишофи давраҳои баъдии адабиёти тоҷик, махсусан эҷоди ҳикоя ба таври барҷаста нишон додааст. Муаллифи тадқиқот таҳаввули суннатҳои хоси иншои ҳикоя, қонуниятҳои жанрӣ, вежагиҳои ҳунарӣ, сохтору муҳтаво, масоили иҷтимоӣ ва ахлоқии ҳикояи насри даврони истиқлоли миллиро дар мисоли ҳикояҳои нависандагони маъруф, монанди Сорбон, Ӯрун Кӯҳзод, Саттор Турсун, Баҳманёр, Сайф Раҳимзод ва адибони дигар ҳамаҷиҳата таҳқиқ кардааст.

Ҳамин тавр, аз мундариҷа ва муҳтавои автореферати диссертатсия маълум мешавад, ки он як таҳқиқоти тоза дар адабиётшиносии тоҷик буда, омӯзиши таҷассуми масоили иҷтимоӣ ва ахлоқиро дар жанри ҳикояи даврони истиқлол фаро мегирад.

Баробари чунин муваффақиятҳо дар автореферати диссертатсия камбудиву норасоиҳо низ мавҷуданд:

1. Аз мутолиаи автореферат маълум шуд, ки дар ҷараёни таҳқиқ эҷодиёти тамоми нависандагони давраи истиқлол мавриди таҳлилу баррасӣ қарор нагирифтааст. Ҳарчанд муаллиф дар муқаддима аз чанд нависандаи ҳикоянигор ном мебарад, вале дараҷаи омӯзиши осори онҳо пурра маълум нест. Бояд гуфт, ки якчанд нависандаи соҳибном, чун Муҳаммадзамони Солеҳ, Анвар Олим, Юнус Юсуфӣ ва дигарон дар ташаккули насри ин давра саҳми назаррас доранд. Аз ин рӯ, таваҷҷуҳи

амиқтари диссертант ба эҷодиёти онҳо арзиши илмии диссертатсияро боз ҳам афзун мегардонид.

2. Дар матни автореферати диссертатсия чанд ғалати имлоиву техникӣ ба чашм мерасад.

Эродҳои мазкур халали ҷиддиеро дар таҳқиқоти анҷомёфта ба вуҷуд намеоваранд ва, итминон дорем, ки рӯйкарди диссертант ба ин нуктаҳо муҷиби афзудани ҳусни корҳои минбаъдаи ӯ хоҳад гашт.

Дар маҷмуъ, автореферати диссертатсияи Маҳмудов Муҳаммадҷон Абдулаҳатович дар мавзуи «Бозтоби масоили иҷтимоӣ ва ахлоқӣ дар ҳикояи муосири тоҷик (дар мисоли ҳикояҳои давраи истиқлол» ба талаботи Комиссияи Олии Аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ буда, муаллифи он шоистаи дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯйи ихтисоси 10.01.04 – Таърихи адабиёт, равобити адабӣ мебошад.

**Охунҷонова Нурихон Раҳматовна,** **номзади илми филология, дотсент, мудири шуъбаи табъу нашри ДДҲБСТ**

**Имзои Охунҷонова Н.Р.-ро тасдиқ менамоям.**
**Сардори Раёсати кадрҳо ва**
**корҳои махсуси ДДҲБСТ** **Мирпоччоев Исматулло**

ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ ҲУҚУҚ, БИЗНЕС ВА СИЁСАТИ ТОҶИКИСТОН
ШУЪБАИ КАДРҲО ВА КОРҲОИ МАХСУС

Суроғa: 735700,
Ҷумҳурии Тоҷикистон,
вилояти Суғд, шаҳри Хуҷанд,
микроноҳияи 17, бинои 1
Тел: (92) 777 30 61

20.11.2023